UNDP
Тоҷикистон

# ҲАМКОРӢ

№6, 2009

ЗАМИМАИ МАХСУСИ ҲАФТАВОРИ «ASIA-PLUS»

# Раҳоварди Шаҳритус

**Минтақае, ки ин навбат раҳ сӯйи он пеш гирифтем, дар қисмати ҷанубу ғарби Тоҷикистон ҷойгир буда, ҳаммарз бо Афғонистону Ӯзбекистон аст. Шаҳритус ва навоҳии атрофаш аз мазеъҳои гармтарини кишвар маҳсуб мешаванд, ки ҳақиқати инро аснои сафари авохири моҳи июл комилан эҳсос кардем. Ҳадафи боздид шиносоӣ бо раванди татбиқи барномаҳои Дафтари минтақавии Барномаи Рушди СММ (БРСММ) дар Шаҳритус буд.**



АКСБАРДОР: Н. ҚАЛАНДАРОВ

## Ранҷу роҳати деҳқон

Нахуст ба Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонии ба номи "Субҳи Сайёд"-и ноҳияи Шаҳритус рафта, дар коргоҳи таъмиру муҷаҳҳазшудаи он бо раиси созмон Мағфират Саидраҳмонова гуфтугӯ кардем. Ба қавли ӯ, мақсади Ассотсиатсия дастгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ буда, он дар ҳамдастӣ бо Дафтари минтақавии БРСММ баҳри ҳалли мушкилоти кишоварзони маҳаллӣ мусоидат мекунад:

- Мо як лоиҳаро бо дастгирии БРСММ амалӣ кардем, ки аз тарафи созмони байналмилалии CIDA маблағгузорӣ шудааст. Дар доираи он зиёда аз 60 тонна нурии минералӣ, 12 000 литр сӯзишворӣ ва 6 тонна картошкаи тухмӣ бо нархи дастрас ба хоҷагиҳои деҳқонӣ тақсим карда шуд. Инчунин барои таъмири техникаи кӯҳнаю фарсуда 150 000 қисми эҳтиётиро харида, ба онҳо пешниҳод кардем. Дар натиҷа, 15 трактори хоҷагиҳои деҳқонӣ дубора ба кор даромаданд. Ҳамчунин Ассотсиатсияи мо бо трактори НТЗ-80 таъмин карда шуд, ки хоҷагиҳо аз он истифода мебаранд.

Бояд қайд созам, ки дар давоми яку ним соли мавҷудиятамон Дафтари минтақавии БРСММ ба мо кӯмаки зиёд кард. Ба шарофати ин ҳамкории пурсамар фаъолиятамон устувор ҷараён дорад ва то ин дам 45 хоҷагии деҳқонӣ шомили Ассотсиатсияи мо гардиданд.

Роҷеъ ба масоили ҳалталаб М.Саидраҳмонова гуфт, ки мушкили асосии деҳқонон қарзҳои сармоягузорон (фючерсҳо) буда, он алҳол то андозае ҳалли худро ёфтааст. Қаблан деҳқонон бо талаби сармоягузорон дар 90% заминашон пахта кишт мекарданд. Аммо ба шарофати давраҳои омӯзишии Ассотсиатсия, ки дар асоси Қарори Ҳукумати ҶТ, №111 аз 5 марти соли 2007 таҳти унвони "Нақшаи чорабиниҳо оид ба ҳалли қарзҳои хоҷагиҳои пахтакор дар ҶТ барои солҳои 2007-2009" доир карда шуданд, деҳқонон аз рӯйи нақшаи солонаашон дар 40%-и замин пахта ва дар қисмати боқимонда сабзавот кишт карда метавонанд. Тибқи ин қарор, ҳукуматҳои маҳаллӣ ҳуқуқи дахолат ба раванди банақшагирии кишти хоҷагиҳои деҳқониро надоранд.

"Имрӯз, ки фоидаи пахта ба мардум намерасад, зарурат ба кишти он ҳам нест. Бигзор, ҳар маҳсулоте, ки ба деҳқон манфиатовар аст, онро озодона кишт кунад ва зиндагиашро беҳтар созад", - ибрози ақида кард раиси Ассотсиатсия.

Ҷиҳати огаҳии бештар аз вазъи кишоварзони маҳаллӣ бо Олимҷон Маҳмудов, раиси хоҷагии деҳқонии Маҳмуд Юнусов ҳамсӯҳбат шудем. Аввалсухани ӯ шикоят аз сармоягузор (фючерс) буд:

- Соли гузашта ман 3 000 доллар қарзи фючерсӣ гирифтам. Тамоми техника аз ҳисоби худам буд, сармоягузор ба ман танҳо 2 литр солярка, чигит ва ду маротиба 150-килоӣ дору дод. Дар асоси шартнома деҳқон бояд қарзи гирифтаашро дар давоми 5 сол 20%-ӣ баргардонад, аммо аз ман, ки хоҷагии деҳқониро нав таъсис дода будам, дар охири соли аввал сармоягузор ҳамаи маблағи қарзро гирифт.

"Имсол узви Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ шудам ва аз ҳамкорӣ бо ин ташкилот фоида дидам, - мегӯяд О.Маҳмудов. - Бо нархи арзону бе фоиз картошкаи тухмӣ ва дору гирифтам. Ба ғайр аз ин, техникаи Ассотсиатсияро истифода бурда, помидор, бодиринг, нахӯд ва зироатҳои дигар кишт кардаму ҳосили нағз гирифтам".

## Қитъаҳои намунавӣ

Мутахассисони БРСММ дар навоҳии Шаҳритус, Қубодиён, Ҷиликӯл ва Қумсангир барои кишоварзон давраҳои омӯзишӣ оид ба афзун кардани ҳосил бо корбасти усулу воситаҳои ҷадид баргузор мекунанд. Дар ин бора зимни боздид аз хоҷагии деҳқонии "Ҳаваскор"-и ноҳияи Қубодиён бо мушовири Мактаби саҳроии фермерон Бурон Ӯроқов ҳамсӯҳбат шудем. Номбурда гуфт:

- Мо ду сол инҷониб дар қитъаи таҷрибавии масоҳаташ 50 сотих кор мебарем. Ҳамасола хоҷагии деҳқонӣ бо маслиҳати мо якчанд намуди зироат кишт мекунад: помидор, балгарӣ, лӯбиё, каду, пиёз, боимҷон, тарбуз ва ғ. Дар кишти дуюм карам, бодиринг, лаблабу ва моҳи август сабзӣ ҳам мекоранд. Яъне дар як сол хоҷагӣ се маротиба ҳосил мегирад. Масалан, дар соли гузашта аз ин қитъаи замин беш аз 40 тонна пиёз, 6 тонна помидор, 4,5 тонна балгарӣ ҷамъоварӣ шуд. Аз помидор қариб 2 тонна томат тайёр карданд, ҳам барои фурӯш ва ҳам барои захира. Ҳосили рӯёнидаро деҳқонон ба нисфи нархи бозор мефурӯшанд.

Дар ин минтақа бо мусоидати БРСММ ниҳолпарварӣ низ ба роҳ монда шудааст. Ба қавли коршиноси миллии масоили ҷангалпарварӣ Наҷмиддин Абдураҳимов, алҳол дар Ҷамоати Сайидназар Худойқулови ноҳияи Қубодиён як мавзеи намоишӣ ташкил карда шудааст, ки заминҳои он тавассути хатҳои муҳофизатии ҷангал аз фарсоиши (эрозияи) шамол эмин дошта мешаванд. Ба ин васила, суръати вазиши бод то 50% суст шуда, намии замин ҳифз мегардад ва ҳосилнокӣ 20% меафзояд.

Номбурда афзуд, ки дар қитъаи мазкур зиёда аз 25 000 ниҳоли гуногун парвариш меёбад: зардолу, бодом, шафтолу, хурмо, инчунин сафедори маҳаллӣ, ки дар сохтмон истифода мешавад. Сипас ниҳолҳо дар мавзеъҳои дигар нишонида мешаванд ва ин барои беҳтар гардидани вазъи муҳитзистии минтақа мусоидат мекунад.

Қобили зикр аст, ки чунин қитъаҳои таҷрибавии кишти зироат ва мавзеъҳои намоишии ниҳолпарварӣ дар 3 ҷамоати дигари минтақа низ ташкил карда шудаанд.

## Дастгирии ҷамоат

Дафтари минтақавии БРСММ баҳри инкишофи худидораи маҳаллӣ корҳои назаррас анҷом додааст. Яке аз ташаббусҳои муҳим дар ин самт мусоидат ба таъсиси Марказҳои дастгирии ҷамоат аст, ки ҷиҳати беҳтар гардонидани сатҳи некӯаҳволии мардум, татбиқи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ҳифзи табиат ва сиҳатии аҳолӣ саҳмгузоранд.

Дар ин замина Маркази дастгирии ҷамоати "Комсомол"-и ноҳияи Носири Хусрав низ фаъолияти гуногунҷабҳаро ба роҳ мондааст. Роҷеъ ба корҳои анҷомдодаи ташкилоти ҷамъиятии мазкур раиси он Ҳамза Бобоев чунин маълумот дод:

- Мо бо мусоидати БРСММ як маркази иттилоотию машваратӣ ташкил додем, ки мақсади он тавассути омӯзиш паст кардани сатҳи камбизоатӣ буд. Дар ин марказ 4 мутахассис фаъолият мекунад: ҳуқуқшинос, иқтисодчӣ, байтор ва агроном. Онҳо ба мардуми маҳаллӣ ҷиҳати пешбурди кору рӯзгорашон маслиҳатҳои зарурӣ медиҳанд.

Ба ғайр аз ин, дар байни ҷавонони маҳаллӣ пурсиш гузаронида, аниқ кардем, ки онҳо бештар ба касбҳои суратгирӣ, дӯзандагӣ ва сартарошӣ шавқ доранд. Мо дар ин се самт давраҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ ташкил кардем. Аз ин ҳисоб устодон бо ҷойи кор таъмин шуда, ҳар се моҳ 12 ҷавонро меомӯзонанд. То ин дам 36 нафар соҳибкасб гардиданд. Аз ҷумла, се ҷавони омӯзонидаи мо дар хориҷи кишвар сартарош шуданд ва боз ду нафар аз Фонди хурди қарзии мо маблағ гирифта, кори худро оғоз карданд. 12 духтаре, ки дар курсҳои дӯзандагӣ ва зардӯзии мо иштирок доштанд, алҳол дар хонаҳои худ маҳсулот истеҳсол мекунанд. Ашёи дӯхтаашон бо мусоидати мо ба савдо бароварда мешавад.

Дар ҷараёни фаъолияти худ бо кӯмаки БРСММ 6 гармхона ҳам сохтем, ки барои парвариши сабзавоти барвақтӣ ва тайёр кардани кӯчат истифода мешаванд. Тавассути онҳо обдиҳии қатрагӣ ва гармидиҳии офтобиро ҷорӣ кардем. Ин кор намоишӣ мебошад, то одамон растанипарварии барвақтиро омӯзанд.

Масъалаи дигар ин буд, ки дар деҳоти Сангоба, Қаракамар ва Қизилкетмани дорои 6 000 аҳолӣ оби нӯшокӣ ва обчакорӣ намерасид. Онҳо аз оби Чилучорчашма истифода мебурданд. Бо дастгирии БРСММ каналро таъмир ва 3 км маҷрои онро дигар кардем. Ҳоло 400 гектар замини наздиҳавлигии аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ пурра бо об таъмин аст.

## Ҳифзи туғайзор

Дар ҷамоати "Нури Вахш"-и ноҳияи Ҷиликӯл туғайзорҳое мавҷуданд, ки дорои анвои зиёди ҳайвоноти ваҳшӣ ва паррандагон мебошанд.

Ба қавли коршиноси миллӣ Н.Абдураҳимов, ҳифзи низоми экологии туғайзорҳо яке аз вазифаҳои лоиҳаи амалишавандаи "Намоиши амалиёти ҷавобии мубориза бар зидди вайроншавии замин ва мукаммалсозии истифодабарии устувори захираҳои замин дар ҷанубу ғарби Тоҷикистон" мебошад. Номбурда афзуд:

- Мо дар ин хусус бо масъулини идораи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Ҷиликӯл маслиҳат кардем ва бо ризоияти онҳо 126 гектар туғайзорро ба 3 нафар иҷора додем. Инчунин дар назди Маркази дастгирии ҷамоати "Нури Вахш" Кумитаи муштараки истифодабарии туғайзорҳо ташкил гардид, ки дар фаъолияти он сокинони маҳаллӣ саҳмгузоранд. Дар оянда нияти таъсиси Мактаби ҷангалпарварони ҷавонро дорем, ки маданияти экологии насли наврасро баланд мебардорад.

Натиҷаи фаъолиятҳо чунин аст, ки агар замони пеш буриши туғайҳо ва шикори ғайриқонунӣ хеле зиёд буд, ҳоло ин масъала ба эътидол оварда шудааст.

## Оташдони каммасраф

Барои татбиқи самарабахши лоиҳа сохтани оташдонҳои каммасраф низ ба роҳ монда шудааст. Мақсад аз ин амал кам кардани шиддати буриши дарахтон мебошад.

- Мо таҷрибаи ҷаҳониро оид ба истифодаи оташдонҳои каммасраф дар Тоҷикистон ҷорӣ намудем, - мегӯяд Н.Абдураҳимов. - Бо ёрии коршиносони СММ усули сохтани чунин оташдонҳоро аз Непал нусха бардошта, алъон дар 4 ҷамоати минтақа ба кор бурда истодаем.

Кадбонуҳои деҳаи Янгиобод, ки дар манзили худ оташдонҳои ҷадидро насб кардаанд, зимни сӯҳбат бо қаноатмандӣ гуфтанд, ки дар рӯйи он ҳамзамон 2 ғизоро пухта мешавад ва сарфи маводи сӯхт низ ба маротиб камтар аст.

## Қарздиҳии хурд

Дар навоҳии ҷанубу ғарби кишвар бо мусоидати Дафтари минтақавии БРСММ 3 Фонди қарзии хурд таъсис гардидааст. Бузургтарини онҳо "Вахшмикрофин" аст, ки коргоҳи марказиаш дар шаҳри Қӯрғонтеппа ҷойгир аст. Масъулини Фонди мазкур иброз доштанд, ки он 18 нуқтаи хизматрасонӣ дорад, аз ҷумла, дар навоҳии Қубодиён, Ҷиликӯл, Шаҳритус, Носири Хусрав, Бохтар, Вахш, Қумсангир, Панҷ ва шаҳри Сарбанд. Алъон шумораи мизоҷонаш беш аз 1700 нафар аст. Андозаи миёнаи қарзҳои ин сохтори молиявӣ 1400 сомонӣ бо фоизҳои аз 1,5% то 3% буда, маблағи умумии гардишаш ҳудуди 2,5 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Ба қавли сарвари Дафтари минтақавии БРСММ дар Шаҳритус Фазлиддин Самандаров, дар таркиби ҳар лоиҳае, ки ин Дафтар амалӣ мекунад, қарздиҳии хурд пешбинӣ гардидааст, зеро он барои коҳиши сатҳи камбизоатии аҳолӣ ва рушди соҳибкорӣ нақши муҳим дорад.




АКСБАРДОР: Н. ҚАЛАНДАРОВ

**Сафо САФАРОВ**

PDF created with pdfFactory Pro trial version www.pdffactory.com

# Мушкили мина ҳамдастӣ мехоҳад

**«Ба минтақаи аз мина озод табдил додани Осиёи Марказӣ» - тахти чунин унвон рӯзҳои 7-8 июл дар Душанбе семинари минтақавӣ баргузор гардид. Дар он масъулини мақомоти дахлдори кишварҳои Осиёи Марказӣ, намояндагони мамолики аъзои Конвенсияи Оттава ва созмонҳои байналмилалӣ ширкат варзиданд.**



## Зарурати узвият

Дар ҷараёни нишаст аз мамолики Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистон даъват ба амал омад, то узвияти Конвенсияи Оттаваро бипазиранд ва ҷиҳати поксозии минтақа аз минаҳои зиддинафар мусоидат кунанд.

Марбут ба ин Фирузалӣ Ализода, намояндаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон чунин ибрози назар кард: «Аз соли 1990 Конвенсиюни Оттава вуҷуд дорад ва то кунун 156 кишвар узвияти онро эълом доштааст. Танҳо 36 кишвар ба Конвенсиюн шомил нагардидаанд ва мо мутмаинем, ки ишон низ билохира ба ин санади байналмилалӣ мепайванданд».

Оид ба масъалаи тоза кардани сарҳадоти муштараки Ӯзбекистону Тоҷикистон аз мина Роман Долгов, намояндаи Созмони байналмилалии манъи минаҳои зиддинафар аснои сӯҳбат бо хабарнигорӣ «Ҳамкорӣ» гуфт: «То вақте хати сарҳад муайян набошад, тоза кардани он аз мина душвор аст ва баръакс, то мина тоза нашавад, муайян ва аломатгузорӣ кардани марз ғайриимкон аст. Бинобар ин, агар Ӯзбекистон ба Конвенсия ҳамроҳ нашавад, поксозии сарҳадоти муштараки ин кишвар бо Тоҷикистон мушкили ҳалталабе дар фазои сиёсӣ боқӣ хоҳад монд».

Ба қавли Ҷонмаҳмад Раҷабов, сарвари Маркази Тоҷикистон оид ба масоили минаҳо (МТММ), аз соли 1992 то кунун бар асари инфиҷори мина ва дигар муҳимоти тарканда дар ҳудуди Тоҷикистон 354 нафар фавтида, 449 тани дигар ҷароҳатҳои гуногун бардоштаанд.

## Мӯҳлат тамдид мешавад?

Дар нишаст масъалаи дархости ҷониби Тоҷикистон оид ба тамдиди мӯҳлати амалиёти поксозӣ аз мина низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Мутобиқи моддаи 5-и Конвенсияи Оттава, Тоҷикистон ӯҳдадор аст, то 1 апрели 2010 тамоми қаламравашро аз мина тоза кунад.

Дар робита Ҷ.Раҷабов иброз дошт, ки бо сабабҳои дер оғоз кардани безарарсозии башардӯстона, норасоии маблағ, нокифоягии гурӯҳҳои безарарсозӣ иҷрои ин масъулият дар мӯҳлати муқарраршуда ғайриимкон аст. Ӯ ҳамзамон афзуд, ки то соли 2009 корҳои зиёде баҳри безарарсозии ҳудуди кишвар аз минаҳо анҷом ёфтааст. Аз соли 2004 инҷониб зиёда аз 900 нуқтаи аҳолинишин мавриди тадқиқоти умумӣ қарор гирифта, беш аз 500 қитъаи хатарнок ошкор карда шуд ва 2 млн. 700 ҳазор метри мураббаъ майдон дар манотиқи ҷанубу шарқи ҷумҳурӣ аз минаҳо тоза гардид. Вале то ҳанӯз тақрибан 15 млн. метри мураббаъи қаламрави кишвар тахти хатари мина боқӣ мемонад. Сарвари МТММ афзуд: «Мо барои то 1 январи соли 2020 идома додани мӯҳлати амалиёти поксозӣ дархости даҳсола омода кардем. Умедворем, дар Конфронси асосии ҷамъбастии дуюм, ки охири сол дар Колумбия баргузор мешавад, дархости мо дастгирӣ меёбад».

Намояндаи доимии СММ дар Тоҷикистон Майкл Ҷонс ҳини суханронияш дар семинар ҷонибдории худро аз ҳалли мусбати ин масъала таъкид намуда, изҳор дошт, ки баҳри комилан аз хатари мина эмин гаштани қаламрави кишвар зарурати тамдиди мӯҳлати амалиёти поксозӣ вуҷуд дорад.

Дар ҷараёни нишаст оид ба хатари сатҳи ҷаҳонии минаҳо низ табодули назар сурат пазируфт. Зикр гардид, ки ҳар сол ҳудуди 20 ҳазор ҳодисаҳои вобаста ба таркиши мина дар саросари дунё рух медиҳад ва алъон беш аз 300 ҳазор нафар осебдидагони мина дар кишварҳои мухталиф ба қайд гирифта шудаанд.



## Барномаи махсус

Ҷиҳати дастгирии осебдидагони минаҳои заминӣ ва зиддипиёдагард аз ҷониби МТММ барномаи махсус амалӣ карда мешавад. Райҳона Мӯъминова, мутахассиси кӯмак ба осебдидагони минаҳо мегӯяд, ки ёрӣ ба ҷабрдидагон аз шаш қисми асосӣ иборат аст: ҷамъоварии маълумот дар бораи онҳо, ёрии тиббӣ ва равонӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ба фиристодани онҳо ба фароғатгоҳҳо. Ба гуфтаи ӯ, дар ҷараёни амалисозии тарҳи мазкур то соли 2009 беш аз 200 нафар ҷабрдидаи мина аз кӯмакҳои иқтисодӣ баҳравар гардиданд.

Дар робита Садафмоҳ Раҳматова, як нафари осебдида аз инфиҷори мина баён дошт, ки бо дастгирии МТММ литсей-интернати махсуси маъюбонро хатм карда, соҳиби мошини дарздӯзӣ шудааст.

Аммо ба қавли Р.Мӯъминова, эҳтимоли дар қайди МТММ набудани баъзе аз осебдидагони мина низ вуҷуд дорад. Номбурда афзуд, ки дар сурати муроҷиати осебдидагони нав МТММ ба онҳо кӯмаки худро пешниҳод хоҳад кард.

## Боздид аз майдони минаҳо

Рӯзи 8-уми июл намояндагони кишварҳои аъзои Конвенсияи Оттава ба майдони минатозакунӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ сафар карданд. Сармутахассиси бахши амалиёти минаҷӯӣ Марио Боер ба ҳозирин дар бораи тарзу усули корбарии ҳафорон маълумот дод.

Ба гуфтаи ӯ, гурӯҳи минатозакунӣ таҷрибаи кориро дар Ҷумҳурии Афғонистон омӯхтаанд, зеро марказҳои минаҷӯӣ дар ин кишвар муддатҳо пеш таъсис гардида, таҷрибаи онҳо бештар аст. Аммо ба ақидаи ӯ, муайянсозии заминҳои минкоришуда дар Тоҷикистон назар ба Афғонистон осонтар аст, чунки қаламрави Тоҷикистон маротиби зиёд минкорӣ шудааст. Вале заминҳо Афғонистон борҳо минагузорӣ шуда, поксозии он нисбатан душвор аст.

Номбурда афзуд, ки дар Тоҷикистон тармафаророӣ хатари ҷиддӣ барои поксозист, зеро ин офати табиӣ минаро аз як макон ба ҷои дигар рӯфта мебарад ва захмати тӯлонии минаҷӯён барҳадар меравад.

Ба қавли М.Боер, баъд аз огоҳ шудани кишварҳои маблағгузор аз захмати минаҷӯён, шояд ҳаҷми дастгирии молиявии барномаҳо дар ин самт афзун карда шавад.

**Исфандиёр ХАЛИЛОВ**

# Ҳамкории фаромарзии сарҳадбонон

Давраи омӯзишӣ оид ба идораи фарогири сарҳадот тайи 5 рӯзи ахири моҳи июл дар Қайроққум баргузор шуд. Дар он 19 намояндаи мақомоти марзбонӣ, вогирию беҳдоштӣ ва хадамоти гумруку байтории Тоҷикистону Қирғизистон ширкат варзиданд. Зимни чорабинӣ корбасти усули идораи фарогири сарҳадот муаррифӣ гардида, иштирокдорон аз дидбонгоҳи марзии "Гулистон" ҷиҳати омӯзиши чунин таҷрибаи фаъолият боздид карданд.

Давраи омӯзишии фаромарзӣ аз ҷониби коршиносони Иттиҳоди Аврупо ва мураббиёни маҳаллие гузаронида шуд, ки қаблан дар чаҳорчӯбаи барномаи Мусоидат ба идораи сарҳадот дар Осиёи Марказӣ (БОМКА) бо дастгирии намояндагони Маркази байналмилалии рушди сиёсати муҳоҷират омӯзиш дида буданд.

Аснои боздид аз дидбонгоҳи "Гулистон" мураббиёни байналмилалӣ истифодаи таҷҳизоти махсуси муайянкунандаи аслияти шиносномa ва ҳуҷҷатҳоро нишон доданд. Иштирокдорон ҳамчунин бо усули назорати борҳои нақлиётӣ ошно гардида, роҷеъ ба зарурати ҳамкории самарабахши мақомоте, ки дар сарҳад фаъолият мебаранд, табодули назар карданд.

Қобили зикр аст, ки барномаи БОМКА аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ гардида, онро Барномаи Рушди СММ дар ҳамдастӣ бо Маркази байналмилалии рушди сиёсати муҳоҷират амалӣ месозад.

**Далер САИДОВ**



# Мушкили кӯдакони хиёбонӣ

Пешгирии густариши ангезандаи норасоии масунияти одам (ВИЧ) дар байни кӯдакони хиёбонӣ мавзӯи аслии мизи мудавваре буд, ки 29 июл дар пойтахт баргузор гардид. Дар он сарварони созмонҳои ғайридавлатӣ, маъулини бозорҳои пойтахт ва намояндагони марказҳои шаҳрии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД ва ташаккули ҳаёти солим ширкат варзиданд. Нишасти мазкурро ташкилоти ҷамъиятии "Маркази Позитив" дар доираи лоиҳаи "Пешгирии ВИЧ/СПИД дар миёни кӯдакони хиёбонии шаҳри Душанбе", ки аз ҷониби Фонди Глобалӣ маблағгузорӣ мешавад, доир кард.

Ҳадаф аз нишаст муаррифии натоиҷи пурсиши кӯдаконе буд, ки дар бозорҳо ва нуқоти мошиншӯйии пойтахт кор мебаранд. Назарсанҷӣ муайян сохт, ки сатҳи дониши кӯдакони хиёбонӣ дар масъалаи пешгирии ВИЧ/СПИД ва риояи меъёрҳои беҳдошти шахсӣ хел паст аст.

Зимни баррасии мавзӯъ иштирокдорони мизи гирд аз шумори намояндагони ташкилотҳои "Маркази Позитив", "Насли наврас", "Хонаи ҷавонон", RSVS, Ассотсиатсияи солимии репродуктивӣ пешниҳод карданд, ки баҳри такмили корҳои иттилоотию маърифатӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти созмонҳои бо кӯдакони хиёбонӣ сарукордошта, бояд гурӯҳи корӣ ташкил карда шавад. Тибқи мувофиқаи қаблӣ, гурӯҳи мазкур манфиатҳои чунин кӯдакони осебпазири ҷомеаро дар назди сохторҳои гуногун ҳимоят хоҳад кард.

**Маҳпора КИРОМОВА**

**БО МУСОИДАТИ БРСММ ДАР ТОҶИКИСТОН ОМОДА ГАРДИД**

PDF created with pdfFactory Pro trial version www.pdffactory.com